Ё Аллоҳ! ман ба розигии Ту аз ғазаби Ту паноҳ меҷӯям, ба беҳбудии Ту аз ҷазои Ту паноҳ меҷӯям, аз Ту ба Ту паноҳ мебарам, тавону ёрои онро надорам, ки ба ҳамду санои Ту (чунон ки шоистаи Туст) бипардозам, Ту тавре ҳастӣ, ки худатро ситоиш намудаӣ

Аз Оиша (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки гуфт: Ман шабе Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро канори худ наёфтам, атрофамро ҷустуҷӯ кардам, ки ногоҳ дастам ба кафи пойҳои росткардааш расид, дар ҳоле ки дар масҷид буд, (яъне, дар ҳолати саҷда) ва ӯ мегуфт: "Ё Аллоҳ! ман ба розигии Ту аз ғазаби Ту паноҳ меҷӯям, ба беҳбудии Ту аз ҷазои Ту паноҳ меҷӯям, аз Ту ба Ту паноҳ мебарам, тавону ёрои онро надорам, ки ба ҳамду санои Ту (чунон ки шоистаи Туст) бипардозам, Ту тавре ҳастӣ, ки худатро ситоиш намудаӣ."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Оиша (разияллоҳу анҳо) гуфт: Ман дар паҳлӯи Паёмбари Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хоб будам, вақте бедор шудам ӯро канори худ наёфтам, бо дастам ҷойи намозхонии ӯро дар утоқамон ламс кардам, ӯро дар ҳоли саҷда ёфтам, ки пойҳояшро рост (яъне, дар саҷда буд ва нуги пойҳояш ба замину суми пояш боло) намуда буд ва мегуфт: (Ман паноҳ мебарам) ва тавассул менамоям, (ба ризоияти Ту аз хашму ғазаби Ту) бар ман ё уммати ман, (ва) паноҳ мебарам (ба бахшиши Ту) ва бахшиши зиёди Ту (аз ҷазои Ту). (Ман паноҳ мебарам ба Ту аз худи Ту) ва ба сифатҳои зебоии Ту, аз сифатҳои ҷалоли Ту, зеро аз Ту наметавон паноҳ ҷуст, магар ба Худат, зеро наҷоте ва паноҳгоҳе аз Аллоҳ нест, магар ба сӯи Худаш. (Ман ҳамду санои Туро дар шумор оварда наметавонам) дар шумориши неъматҳо ва эҳсони Ту ончунон ки сазовори он ҳастӣ, нотавонам, ҳарчанд дар он талош кунам. (Ту ҳамонгуна ҳастӣ, ки худатро ситоиш намудаӣ) Ту ҳамон зоте ҳастӣ, ки бар худат ситоиши сазовор кардаӣ, кӣ метавонад ҳаққи ҳамду ситоиши Туро адо кунад?

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3566